**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии № 28
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.12.2024, №28.2

Барои сазовор донистани Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя «28» декабри соли 2024, суратмаҷлиси №28 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович, 20 июли соли 1984 таваллуд шудааст.

Соли 2007 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси менеҷменти туризм ва хоҷагиҳои меҳмонхонадорӣ бо дипломи аъло хатм карда, соҳиби тахассуси менеҷер гаштааст.

Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович аз соли 2007 то инҷониб ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи менеҷменти ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич –номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ:

1. Амонова Дилбар Субҳоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон
2. Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич,номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти инфрасохтори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 22- ноябри соли 2024, протоколи № 26 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқотҳои инфрасохтории ИИД АМИТ н.и.и., Бобозода К.О., эксперт ходими пешбари

илмии шуъбаи таҳқиқотҳои инфрасохтории ИИД АМИТ н.и.и., Рауфӣ Фирӯза Абдуғафор ва котиби ҷаласа ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқотҳои инфрасохтории ИИД АМИТ н.и.и., Мирзоева Ҷ.П. имзо шуда, аз тарафи Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ш.Раҳимзода аз санаи 25.11.2024 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Абдуллоев З.А., Салоҳият ва касбияти роҳбар дар муайянкунии шахсияти ӯ / А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев//Паёми ДДТТ,-Душанбе.-2021, №4/1(38). -С.202-208;

[2-М]. Абдуллоев З.А., Баҳодиҳӣ ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун омили рушди демографӣ/А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ,-Душанбе, - 2022,№ 4/2(44). -С.110-114;

[3-М]. Абдуллоев З.А., Иқтидори кадрии кормандони меҳмонхонаҳо /З.А. Абдуллоев //Паёми ДДТТ, -Душанбе, -2023, №4/1(49). -С.285-288;

[4-М]. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити рақамикунонӣ/З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ, 2023, 4/2(50) С.21-26;

[5-М]. Абдуллоев З.А., Консепсияи системаи идоракунии кормандон /Абдуллоев З.А.// Паёми ДДТТ, 2024, 1(51) С.9-13;

[6-М]. Абдуллоев З.А.,Ташаккули системаи идоракунии кормандон/А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ,-Душанбе, - 2024, №1(51 ). -С.140-145.

[7-М]. Абдуллоев З.А., Такмили низоми идоракунӣ дар меҳмонхона //З.А. Абдуллоев, У.Т.Саломова/ Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2024, №1.1(51),С.294-298

Б) интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию баналмилалӣ.

[1-М]. Абдуллоев З.А., Салоҳиятҳои касбии роҳбар дар муаррифии шахсияти ӯ. Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон /А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев//. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ,30 марти соли 2023-Душанбе «ДДТТ», 2023, -С. 240-245;

[2-М]. Абдуллоев З.А.,Ташаккулёбии низоми менеҷменти сифат/А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев//, Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир" бахшида «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф" (Солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 Душанбе: «ДДТТ», С.433-441;

[3-М]. Абдуллоев З.А., Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /А.З. Абдуллоев, А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Конференсияи VIII -уми илмию амалии байналмилалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», ДДТТ 25-сентябри соли 2020– Душанбе, -С.125-129

[4-М]. Абдуллоев З.А., Ташаккулёбии низоми менеҷменти сифат / А.А.Мирзоалиев, И.Қ. Раҳмонов, З.А. Абдуллоев //, Конференсияи илмию амалии байналмиллалӣ «Низоми менеҷменти сифат – кафолати омода намудани мутахассисони баландихтисос", 30-31 октябри соли 2020, ДДТТ, -С.75-77;

[5-М]. Абдуллоев З.А. Персонал как важный фактор гостиничного продукта /З.А.Абдуллоев//, конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Асосҳои иҷтимоию иқтисодии рушди инноватсионии бозори меҳнат дар шароити иқтисоди хурди кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуҳли аҳолӣ" –Душанбе, 25-26 октябри 2019, -С 107-111;

[6-М]. Абдуллоев З.А. Дурнамо ва самтҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев //, Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маҷмӯаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. ДСХ, 22 июни соли 2019.-Душанбе: «Соҳибкор".- 435с., С.28-32;

[7-М]. Абдуллоев З.А. Иқтидори сайёҳии Тоҷикистон ва масоили рушди саноати сайёҳӣ, / А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев // Форуми илмии донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар фазои сайёҳии ҷаҳонӣ аз нигоҳи донишҷуёни риштаи сайёҳӣ", 8 – 9 ноябри соли 2019, Душанбе, С..79-84;

[8-М]. Абдуллоев З.А. - Нақши сайёҳии экологӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, /З.А.Абдуллоев// Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати

илмию омӯзгорӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар манзари ҷаҳонишавӣ», 20-25 маи соли 2019, ДДТТ, С.96-101;

[9-М]. Абдуллоев З. А. Структура и функции системы управления персоналом в условиях рыночной экономики, /З.А.Абдуллоев//. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуҳли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии « Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуҳли аҳолӣ. 27.10.2018,-Душанбе-, -С.112-116;

[10-М]. Абдуллоев З. А. Роҳҳои ба кор ҷалб намудан ва идоракунии кормандон дар корхонаҳо, /З.А.Абдуллоев//. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуҳли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии « Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуҳли аҳолӣ. 27.10.2018,-Душанбе-, -С.112-116;

[11-М]. Абдуллоев З. А. Аҳамият ва зарурияти рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/З.А.Абдуллоев//,9.11. 2018. Маҷалаи Соҳибкор, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат- Душанбе, С.67-71;

[12-М]. Абдуллоев З. А. Структура и функции системы управления персоналом гостиничного хозяйство в современных условиях, /З.А.Абдуллоев//, 9.11. 2018. Маҷалаи Соҳибкор, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат- Душанбе, С.121-123;

[13-М]. Абдуллоев З.А. Аҳамият ва зарурияти рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, /З.А.Абдуллоев//,30 ноябри соли 2018 бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар Донишгоҳи славянии Россияву – Тоҷикистон семинар дар мавзуи «Тоҷикистон диёри сайёҳӣ”-Душанбе, -С.145-148;

[14-М]. Абдуллоев З.А. Нақш ва аҳамияти сайёҳии табобатӣ ва истироҳатӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ З.А.Абдуллоев // Конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», Душанбе, ДДТТ, 20-21 июни соли 2018, -С.111-114;

[15-М]. Абдуллоев З.А. Структура и функции системы управления персоналом в условиях рыночной экономики / З.А.Абдуллоев // Конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», Душанбе, ДДТТ, 20-21 июни соли 2018, -С.123-126;

[16-М]. Абдуллоев З.А., Дурнамо ва самтҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маҷмӯаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ/ А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев //. ДСХ, 22 июни соли 2019.-Душанбе: «Соҳибкор”.- С.156-161;

[17-М]. Абдуллоев З.А., Низоми менеҷменти сифат / А.А.Мирзоалиев, И.Қ. Раҳмонов, З.А. Абдуллоев //, Конференсияи илмию амалии байналмиллалӣ «Низоми менеҷменти сифат – кафолати омода намудани мутахассисони баландихтисос”, 30-31 октябри соли 2020, ДДТТ, -С.133-137;

[18-М]. Абдуллоев З.А., Зарурияти бозори хадамоти кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, / З.А.Абдуллоев //, маҷмӯаи ДДТТ, ба ифтихори «Соли маориф ва

фарҳанги техникӣ», Душанбе – 2010, С.93-96;

[19-М]. Абдуллоев З.А., Усулҳои таълим, интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва идоракунии кормандон дар корхонаҳо, / З.А.Абдуллоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили инкишофи бозори меҳнат дар Тоҷикистон” (28-29 октябри соли 2011), Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”-Душанбе- 2011, -С. 282-284;

[20-М]. Абдуллоев З.А., Принсипҳо ва усулҳои идоракунии кормандон дар корхонаҳо, Конференсияи байналмилалӣ «Тамоилҳои рушди иқтисодиёт ва таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ДДТТ,Душанбе- 2014, -С.32-34.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:

1. Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич -д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо:

1.Дар автореферат ҳангоми пешниҳоди маводҳо пайдарпайии мантиқӣ риоя нашудааст?

2.Муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро доир ба такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар ҷадвали 9 нишон додааст, аммо зарурияти истифодаи онро дар амалия ба таври зарурӣ шарҳу эзоҳи наёфтааст?

2. Дадоматов Далер Нишонбоевич - д.и.и., профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат муаллиф масоили омодасозии кормандон дар иқтисодиёти рақамиро дар расми 3 нишон додааст, аммо онҳоро тавсиф ё асоснок накардааст.
2. Ба андешаи муаллиф амсилаи иқтисодӣ- математикиро чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳамаи омилҳои интихобшуда мувофиқ ва дар натиҷаи таҳлили васеъ ва саривақтии соҳа рӯйи кор омада, барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ, хусусан идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо ниҳоят муфид мебошанд, аммо баъзе он омилҳо ба пуррагӣ арзёбӣ нашудаанд.

3. Расулова Лутфия Нуралиевна - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эродҳо:

1. Нишондиҳандаҳои асосии барои таҳлили амсилаи бисёромилаи таъсири омилҳо ба фаъолияти меҳмонхона ба таври зарурӣ нишон дода нашудааст.
2. Муаллиф дар расми 4 самтҳои афзалиятноки низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаро нишон додааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешудаанд.

4. Бегмуродов Сангинмурод Шамсидинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар қисмати назариявии автореферат мафҳумҳои иқтидори кадрӣ, сармояи инсонӣ, иқтисоди рақамӣ, рақамикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳо нокифоя тавзеҳ дода шудааст.

2.Дар автореферат баъзе расму механизмҳои овардашуда пурра тавзеҳ дода нашудааст ва ҳамзамон хатогиҳои имлогӣ низ ба чашм мерасанд.

5. Гулов Искандар Ҳасанович - н.и.и., саромӯзгори кафедраи Таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДДБ ба номи Носири Хисрав бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат ба таври кофӣ масоили омодасозии кормандони меҳмонхона дар шароити рақамикунонӣ, бахусус дар МТОК нишон дода нашудааст.

2. Инчунин дар автореферат такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии кормандон таҳия шудааст, аммо баъзе нуқтаҳои назари муаллиф баҳсбарангез аст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- масъалаҳои назариявӣ ва методии такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ он муайян гардидааст;
- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди такмили низоми идоракунии кормандон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии он таҳия карда шудааст;
- механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд.
- Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:
- асосҳои илмию назариявии мафҳуми идоракунии кормандон ва аниқ намудани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он дар шароити рақамикунонӣ баррасӣ шудаанд;
- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;
- *таҳлили* вазъи муосири механизми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ гузаронида шудааст;
- муайянкунии омилҳои таъсиррасон дар меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе ҳангоми ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ
- таҳқиқи масоили омодасозии кормандони меҳмонхона, тамоюлҳои ҷории бозори меҳнат ва рақамикунонии равандҳои меҳмонхона;
- натиҷагирии таҳқиқ ва таҳияи тавсияю пешниҳодҳо доир ба такмили механизми идоракунии кормандон ва фаъолияти меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар субъектҳои меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба тарви дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани такмили механизми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ бо дарназардошти таъсири

бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:

-*назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин ташаккул ва такмили низоми идоракунии кормандон асос ёфтааст;

-*ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисоди меҳнат», «Идоракунии салоҳиятҳои рақамӣ», «Менеҷменти кадрӣ» «Идоракунии кормандон», «Менеҷмент» ва «Санъати роҳбарӣ» ва ғайра татбиқ шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 27 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2018-2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 28 декабри соли 2024 қарори сазовор донистан  Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шӯро 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – 0 нафар, бюллетени беэътибор – 0 нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., и.в. профессор** **Қодирова З.Ҳ.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**